**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти мақомоти омори давлатӣ дар нимсолаи якуми соли 2022 ва вазифаҳо барои то охири соли 2022**

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2022», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2022, тасдиқ карда шудааст ва вазифаҳои дар назди мақомот дар соли 2022 гузошташударо асосан пурра иҷро намуда, дар маҷмуъ 5239 кори оморӣ ба анҷом расонида шуд.

Дар давраи сипаришуда 4 маҷмӯаи солонаи оморӣ, 111 бюллетени оморӣ, 28 маълумот, 24 иттилооти таъҷилӣ ва 36 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Мукотиботи Агентии омор аз рӯи ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2022 нишон дод, ки дар ин давра аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳо, идораю муассисаҳо, ташкилотҳо, мақомотҳои омори маҳаллӣ ба нишонии Агентӣ ва почтаи электронӣ маводҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва номаҳо дар маҷмӯъ 1313 адад ворид шудааст. Аз теъдоди умумии ҳуҷҷатҳои воридгардида 307 амру фармонҳо, қарорҳо, дастуру супоришҳо, нусха аз протоколи ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву чорабиниҳо, инчунин 3 қарори Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 496 мактуб аз вазорату идораҳо, 103 мактуб аз мақомоти маҳаллии омор, 304 мактуб ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ, 37 лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва 63 муроҷиати шаҳрвандон бо тарзи хаттӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, саривақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Роҳбарияти Агентии омор рӯзҳои 28 феврал то 4 марти соли 2022 тариқи маҷозӣ дар кори ҷаласаи 53-юмини Комиссияи омори СММ иштирок намуда, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод гардид.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафи 4-уми Стратегии кишвар ва бо мақсади такмили низоми миллии омор барои инъикоси дурусти истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба иҷрои бандҳои дахлдори Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №520 «Дар бораи тартиби танзими давлатии ташаккули захираи ашёи хом ва таъмини корхонаҳои коркард бо маҳсулоти кишоварзӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №570 “Барномаи рушди

ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" маълумот омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Илова ба ин бояд қайд намуд, ки тибқи Меморандуми ба имзо расида байни Агентии омор ва Лоиҳаи Eu4 Energy, дар давраи ҳисоботӣ як маротиба семинари машваратӣ (санаи 22 марти соли 2022) ба тариқи онлайн гузаронида шуда, таҳияи маълумотҳои соҳаи энергетика ва таҳияи тавозуни энергетикӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд. Инчунин маълумотҳои оморӣ оид ба соҳаи энергетика барои соли 2020-ум тибқи саволномаҳои муқарраршуда таҳия ва ба Агентии байналмилалии энергетикӣ пешниҳод карда шуданд.

Фаъолияти Шӯрои методологии Агентии омор дар нимсолаи якуми соли 2022 нишон дод, ки дар ин давра як қатор корҳои назаррас дар самти такмили методологияи баҳисобгирии оморӣ анҷом дода шудааст. Дар давраи сипаригардидаи соли 2022 ба шаклҳои ҳисоботи омории №№3-кишоварзӣ, 7 ва 7а кишоварзӣ, 24-кишоварзӣ ва 2-молия тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, аз нав тасдиқ гардиданд. Инчунин ба шакли ҳисоботи омории байниидоравӣ оиди пардохти нафақа, кумакпулӣ ва пардохтҳои ба он баробар, ба нафақахурони ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" тағйиру иловаҳо ворид гардида, тасдиқ карда шуд ва нусха ба Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк" барои корбарӣ ирсол гардид. Дар ин давра бо мақсади кам кардани сарбории ҳисоботсупорандаҳо ва аз байн бурдани нишондиҳандаҳои такроршаванда ҳисоботи омории №6 – молия барҳам дода шуд.

Дар давоми нимсолаи якуми соли 2022 «Нақша –чорабиниҳо ҷиҳати ба танзим даровардан ва тақвият бахшидани сифати фаъолияти китобхонаи идоравии Агентии омор» барои соли 2022 тасдиқ карда шуда, бандҳои барои нимсолаи якуми соли 2022 ба нақша гирифташуда пурра иҷро карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ дар китобхонаи Агентии омор ба ҳолати 1 июли соли 2022 зиёда аз 420 адад китобҳои бадеӣ, илмӣ ва соҳавии олимону шоирону нависандагони классикӣ ва муосири тоҷик ва инчунин зиёда аз 150 адад китобҳои бадеии шоирону нависандагони Иттиҳоди шӯравӣ, зиёда аз 3500 адад маҷмӯаҳои омории соҳавӣ ҷамъ оварда шудаанд.

Илова бар ин, ҷиҳати боз ҳам васеъ намудани доираи китобхонӣ мақомоти омори давлатӣ аз Китобхонаи миллӣ китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва китобҳои бадеиро дар шакли электронӣ дастрас намуда, дар компютери фардӣ насб намуд.